# ТАҚРИЗ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи илмии Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзӯи: «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович соли 2014 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ то соли 2016 фаъолияти омузгориро дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур анҷом додааст. Аз сентябри соли 2016 фаъолияти омузгориро дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон идома дода истодааст.

Исматов А.Ф. дар ин давра ҳамчун аспиранти Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ ҳангоми иҷрои рисолаи илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Бояд қайд намуд, ки Исматов А.Ф. ҳамасола дар конфронсҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок намуда, то анҷоми рисолаи илмӣ бештар 25 номгӯи мақолаҳои илмӣ аз чоп баровардааст, ки 4 тояш мақолаҳои тақризшаванда мебошанд.

Муаллиф мавзӯи диссертатсияи номзадиро мустақилона интихоб намуда, ҳангоми иҷрои кори илмӣ дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин бояд қайд намуд, ки Исматов А.Ф. ҳамасола дар конфронсҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок менамояд.

Диссертатсия аз рӯи се боб омода гардида, дар боби якум, таҳқиқи назарияи рушди маъмурикунонии андоз дар шароити идоракунии иқтисоди рақамӣ, асосҳои ташаккулёбии механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва асосҳои институтсионалии маъмурикунонии андоз дар шароити ракамикунонии иқтисодиёт дида баромада шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия ҳолати муосири истифодаи таҷрибаи хориҷии маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ, таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз, самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия мушкилот ва роҳҳои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ, такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ, дурнамои рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудаанд.

Таҳқиқоти анљомдодашуда ба муаллиф имконият фароҳам овард, ки хулосаҳояшро вобаста ба натиҷаҳои омӯзиш ҷамъбаст карда, пешниҳодҳои худро оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз ба таври мушаххас баён намояд.

Ҳангоми муайян намудани самаранокии маъмурикунонии андоз бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ, моделҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ, таъминоти риёзӣ ва барномавии пешгуикунии омории воридоти маблағҳои андоз, ки натиҷаҳои омилии таъсиррасонии нишондиҳандаҳо ва самаранокии маъмурикунонии андоз тавсиф гардидааст.

Дар маҷмуъ, навгониҳои бадастомадаи муаллиф, хусусияти умумиҷабҳавии фаъолияти мақомоти андозро дар бар гирифта, ҳолати муосири ташаккул ва рушди минбаъдаи фаъолияти мақомоти андозро арзёбӣ менамояд.

Дар хулоса ва пешниҳод муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз, расмиёти соддагардонӣ ва дастраси ба андозсупорандагон, баланд бардоштани эътимоднокии андозсупорандагон доир ба масъалаҳои андозбандӣ, истифодаи технологияи иттилоотӣ аз тарафи андозсупорандагон бо мақсади рушди рақамикунонии маъмурикунонии андоз ҷамбаст ва хулосабарорӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло қайд кардашударо ба назар гирифта чунин меҳисобем, ки Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович вазифаҳои дар наздаш гузошташударо бомуваффақият иљро намудааст.

Сохтор, муҳтаво ва тартиби барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи дар бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, аз руйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шамсов И.С.**

**Имзои д.и.и., профессор Шамсов И.С. – ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи милли Тоҷикистон**
**«12» 12 с. 2023** **Тавқиев Э.Ш.**